# Ҷаласаи Ҳайати мушовараи Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Submitted by Ҳайати тадорукот on 5 July, 2022 - 16:33

[1]

Рӯзи 5-уми июли соли 2022, соати 10:00 дар толори Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи Ҳайати мушовараи Кумита бо иштироки Мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Пайшанбезода Муҳиддин, аъзои Ҳайати мушовараи Кумита, муовини раиси Кумита, сардорони шуъбаҳо, мудирони бахшҳо ва кормандони Кумита доир гардид, ки дар он ҳисоботи ҷамъбастии фаъолияти Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2022 ва вазифаҳо барои нимсолаи дуюми соли 2022

шунида шуда, Нақшаи кории Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи дуюми соли 2022 тасдиқ карда шуд.

Дар ҷаласаи Ҳайати мушовараи Кумита баъд аз шунидани гузориш роҷеъ ба фаъолияти шашмоҳаи аввали соли 2022-и Кумита ва вазифаҳо барои нимсолаи дуюм Мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Пайшанбезода Муҳиддин, аъзои Ҳайати мушовараи Кумита Назарзода С., Абдураҳмонова М. Раҳматуллозода С., ва Мансурӣ Ш. суханронӣ намуда, фаъолияти Кумитаро дар нимсолаи аввали соли 2022 қаноатбахш арзёбӣ намуда, Нақшаи кории шашмоҳаи дуюми Кумитаро мувофиқи мақсад шумориданд.

**Content rating:** 5

Average: 5 (11 votes)

Rate

## Category:

- Ахбори рӯз [2]
- Фаъолият [3]

- 

- 

**Source URL:**https://www.istilohot.tj/en/node/6852?mini=2026-04

**Links**
[1] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/field/image/1.JPG [2] https://www.istilohot.tj/en/taxonomy/term/10 [3] https://www.istilohot.tj/en/taxonomy/term/24 [4] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/2_1.JPG [5] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/1_1.JPG [6] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/3_1.JPG [7] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/5_1.JPG